*Салмон С.,- таҳлилгари сиёсӣ*

# КАБИРИИ ВИРУСЗАДА

Вақтҳои охир Кабирии хоин вобаста ба паҳншавии бемории коронавирус баромадҳои видеои ташкил намуда бо мардум баҳсу мунозира намуда истодааст. Ин разил аз мусибати мардум суистифода намуда ба бозиҳои сиёсии ифлоси худ машғул аст. Чунки Кабрии хиёнаткор дар ягон давру замон ба ватану миллат ва дини худ хизмат накардааст, ба меҳану миллату давлати хеш заррае меҳру садоқат надорад. Ба Кабирию дигар пайравони наҳзатиаш муқаддасости ватану миллат ягон арзише надорад, танҳо ба «хоҷагонаш» ва пайсаҳои муфти онҳо дил бастаасту, дигар дар ин махлуқ ягон хислати инсонӣ намондааст. Ин Кабирии хунхор дар ин вазъияти ҳассос ба ҷойи он ки ба мардум ёрӣ расонад, баракс бо суханҳои пучу бемаънии худ таъби онҳоро хира мекунад.

Ҳар нафаре, ки як маротиба баромади видеоии ӯро бинад ҳамон замон эҳсос мекунад, ки Кабирӣ хизматгори кист ва мақсадаш ба ғайр аз дасисабозию иғвоангезӣ дигар чизе нест. Баҳри амалӣ намудани мақсадҳои ғаразнокашон «хоҷагон»-и хориҷӣ ба ин аблаҳи ватанфурӯш тамоми шароити заруриро муҳайё кардаанд, маблағҳои зиёд барояш медиҳанд, дар шабакаи интернетӣ минбар додаанд то ки миллату давлати худро санг занад, аз ин ё он иқдомҳои Ҳукумати Тоҷикистон, норозигию эътироз баён намояд, мардумро ба шӯр оварад, ки онҳо даст ба тазоҳурот бар зидди давлат зананд.

Бояд қайд намуд, вобаста ба чораҳои пешгирӣ аз бемории коронавирус, Ҳукумати кишвар чандин беморхонаҳоро бо шароити хуб барои мардумаш таёр намудааст, ки аллакай нафарони зиёдро дар карантик фаро гирифта, шахсони бемор шифо ёфтанд ва ин иқдомҳои давлат дар ин самт идома дорад. Аммо Кабирию пайравони наҳзатаиш бошад тамоми ин иқдомҳои давлатро нодида гирифта, аз бахилию ҳасуди ба гапчинию, хабаркашию дасисабозӣ машғул шуда истодаанд.

Ин хоинони зархариду бегонапарасти наҳзатӣ ба мисли Кабирию дигар пайравонаш фикр мекунанд, ки мардуми кишвар аз бедодгариҳо, зулму ситам, қатлу ғорат, ки солҳои 90-ум нисбати мардуми осоиштаи меҳнаткаши кишвар раво дидаанд, ҳатто «фашистон» дар ҷанги дуюми ҷаҳон нисбати аҳолӣ чунин амалҳои хунин накарда буданд. Ба он даҳшатафканӣ, амалҳои хунин, ки ин наҳзатиҳои хунхор бо воситаи каллабурони худ нисбати мардуми тоҷику тоҷикистонӣ кардаанд, солҳо мегузарад, аммо аз хотирҳо хеҷ гоҳ амалҳои нангини ин хоинон фаромӯш намешавад. Акнун Кабирии террорист, ки дасташ то оринҷ дар хуни мардуми бегуноҳи кишвар оғуштааст, имрӯз мехоҳад худро ҳамчун

«адолатхоҳ», «мардумсолор» нишон диҳад, аммо тираш аллакай хок хурдааст ва касе ба ин аблаҳ бовар намекунад.

Хушбахтона мардуми сарбаланди Тоҷикистони азиз аз бозиҳои ифлоси пасипардагии Кабирии вирусзада ва пайравони наҳзатиаш, ки чун ҳарвақта мехоҳанд ин мусибати мардумро ба манфиатҳои сиёсии худ истифода намоянд, ба хуби дарк кардаанд ва дар ягон ҳолати ба ин разилони наҳзатӣ, бадхоҳонун душманони миллат бовар намекунанд.

https://www.facebook.com/share/p/EoN2ch88TvJbdiX1/?mibextid=oFDknk